Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

28 сентябри соли 2002. Шанбе № 75 (12816)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.30 имзо гардид.


# Мақсадҳо ва саъю кӯшишамон муштараканд

## Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 23-25 сентябр бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурияти Литва ташриф овард

Табиати сарзамини Литва аз эҳсонҳо пур аст. Дар ин ҷо кӯҳҳои баландро намебинед. Ҷангалзорҳои зич ҳам он қадар зиёд нестанд. Вале Литва бо адирҳои сабзпӯш, кӯлҳои мовӣ, дарёҳои ором ва дарахтзорҳои болобаландаш нотакрор мебошад.

Пойтахти давлат Вилнюс аст. Дар ин шаҳри қадима,ки соли 1323 дар маҳалли ба ҳам якҷоя шудани маҷрои дарёҳои Нерис ва Виля сохта шудааст, нуқтаи шимолӣ қарор гирифтааст, ки дар ин ҷо фарҳангҳои Рум, Византия, Аврупо ва Осиё ба ҳам омезиш ёфтаанд. Барои шахсе, ки ба таърихи Вилнюс майлу шавқ дорад, кофист, ки меъмориҳои шаҳрро аз назар гузаронад. Дар симои калисоҳо, манораҳо, қасрҳои ҳарбӣ, кӯчаҳои танг, қасрҳо, ки ба мақсади пинҳон кардан аз чашмони бегона сохта шудаанду ба кас асри миёнаро ба хотир меоваранд ва дигар иншоотҳо ҳамчун оина ҷиҳатҳои ба худ хоси анъаноти тамаддуни аврупоии шаҳрсозӣ, фарҳанг, санъати навро таҷассум гардондаанд. Дар ин ҷо бисёр анъаноти Аврупо ба ҳам омезиш ёфтаанду ҳамдигарро мунтазам ғанӣ месозанд. «Шаҳри кӯҳна»-и Вилнюс аз ҳама калон дар минтақа ба ҳисоб меравад ва ба рӯйхати мероси дурдонаҳои фарҳанги ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил гардидааст.

Дар рӯзи омадани Президент Ислом Каримов ба ин мамлакати шимол дар майдони ҳавоии Вилнюс офтоб медурахшид ва он бешак рамзи ба худ хосро дошт. Зеро ба мо ҳамкорони литвагӣ хабар доданд, ки то 23 сентябр се рӯз паи ҳам борон борид. Ҳамон рӯз, яъне рӯзи аввали сафар ва тамоми рӯзҳои сафар ҳаво офтобӣ ва гарм буд.

Мавзӯи асосии гуфтушунидҳо, албатта, муносибатҳо байни Ӯзбекистон ва Литва буданд. Бо таъбири Президенти мо асоси муносибатҳои байнидавлатиро пеш аз ҳама ҳамкории иқтисодӣ ташкил медиҳад. Зеро зарур, аст қайд намоем, ки дар ҳамаи соҳаҳо, аз он ҷумла ҳамкориро дар соҳаи сиёсӣ истисно накарда, аз равобите фоидае нест, ки ба якдигар нафъ наоварад. Аз ин мебарояд, ки сараввал дар мавзӯи муносибатҳои иқтисодӣ истода гузарем.

Соли гузашта ҳаҷми муовизаи мол байни Ӯзбекистон ва Литва нисбати соли 1994 се маротиба зиёд буд.Вале ҳангоми мулоқоти Ислом Каримов бо Валдас Адамкӯс, дар рафти гуфтушунидҳо бо Нахуствазир Алгирдас Бразаускас вазъи кунунӣ ва нишондиҳандаҳои имрӯза ғайриқаноатбахш буданаш изҳори ақида гардид. Зеро ҳарчанд рақамҳо зиёд бошанд ҳам, онҳо ба дараҷаи суръати афзоиш, нерӯ ва имкониятҳои мамлакатҳоямон мувофиқат намекунанд.

Ислом Каримов зикр намуд, ки мақсади асосии сафар ин додани такони нав ба ҳамкорӣ мебошад. Ва дар бораи далелҳое ҳарф зад, ки ба рушди муносибатҳо, имкониятҳои нав ва пешомадҳо халал мерасонанд. Ба фикри сарвари давлатамон амалӣ гардондани лоиҳаҳои нав оид ба амиқан азнав кор кардани маҳсулоти кишоварзӣ, озуқаворӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноати кимё, бофандагӣ ва электротехника, ҳамчунин масолеҳи бинокорӣ, мебел, молҳои истеъмоли халқ, доруву дармон мувофиқи мақсад мебуд. Ва амалӣ гардондани барномаҳои ба ҳамдигар муфид фоидаи калон мебахшиданд.

Агар сухан дар бораи сармоягузорӣ равад, Ӯзбекистон аз азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзии худ, минҷумла пахта хеле манфиатдор мебуд. Аз ин мебарояд, ки истифода бурдани саноати бофандагии хеле инкишофёфтаи Литва мувофиқи мақсад аст. Аз ҳама усули муҳими оддӣ ва паҳнгардида ин созмон додани корхонаҳои муштарак аст. Барои мисол вазъиятро дар Ҳиндустон мегирем. Дар мамлакати мазкур даромад аз содироти маҳсулоти саноати бофандагӣ 35 фоизи даромадеро ташкил медиҳад, ки аз содироти маҳсулоти умумии миллӣ ҳосил мегардад. Соли гузашта вай ба 17 миллиард доллари ИМА расид. Соли 2010 ба 50 миллиард расондани ин нишондиҳанда пешбинӣ гардидааст. Бояд таъкид намуд, ки дар мамлакати мо нисбати Ҳиндустон бештар пахта истеҳсол карда мешавад. Аз ин мебарояд, ки Ӯзбекистон барои ба даст овардани марраҳои аз ҳама баланд умедвор аст. Барои ин бошад, шарикони боэътимод, техника ва технологияи замонавӣ зарур аст.

Махсусан ба соҳаи нақлиёт— аз ҳама муҳим дар равобити ба ҳамдигар муфид махсусан истода гузашт. Боз бармегардем ба масъалаи пахта. Ашёи хоми мазкури стратегӣ, ки пеш тавассути бандарҳои Қафқоз ба содирот бароварда мешуд, дар солҳои истиқлолият ба хориҷ таввасути соҳили Балтика кашонда мешавад. Сабаби он оддист. Умури нақли бор дар соҳили Балтика ба дараҷаи аврупоист. Бор дар анборҳо нигоҳ дошта намешавад, сари вақт ба истеъмолгар мерасад. Ин чунин маъно дорад, ки вай барои мо низ муфид аст. Вале кушоду равшан бояд гуфт, ки вақтҳои охир расонда додани маҳсулоти Ӯзбекистон ба бандарҳои соҳили Балтика душвор гардидааст. Истифода бурдани бандарҳои Клайпеда, ки обаш зимистон ҳам ях намекунад, ҳам барои Ӯзбекистон ва ҳам барои Литва муҳиму муфид аст. Вале бо сабабҳои мухталиф нишондиҳандаи боркашонӣ дар ин ҷо вақтҳои охир паст гардидааст.

Ҳангоми мулоқот бо тадбиргарон Ислом Каримов зикр намуд, ки талаботи солонаи Ӯзбекистон ба шакар 400 ҳазор тонна мебошад. Ӯзбекистон сеяки ин талаботро аз ҳисоби имкониятҳои худ таъмин мекунад. Боқимонда бояд аз берун оварда шавад. Рӯшан аст, ки ба ҳамин маънӣ шарики доимӣ доштан муфид мебошад. Ислом Каримов ҷониби Литваро даъват кард, ки ба ин соҳа фаъолона рӯ оварад, имконияти рақобатро фаромӯш накунад.

Дар рафти гуфтушунидҳои вилнюсӣ Ислом Каримов чандин таклифҳоро пеш гузошт. Аз он ҷумла, сарвари давлатамон баъди вохӯрӣ бо Нахуствазир Алгирдас Бразаускас бо мухбири телевизиони Литва мусоҳиб гардида, зикр намуд, ки кушоиши хонаҳои байниҳамдигарии савдо, ки ба якдигар муфид мебошанд, мувофиқи мақсад мебуд. Муассисоти мазкур пеш аз ҳама талаботи бозорро меомӯхт. Ҳини мавҷуд будани маълумотҳои аниқ дар бораи таклифу эҳтиёҷ рушди муносибатҳои тиҷоратӣ, вусъат додани миқдори корхонаҳои муштарак хеле сабук мегардид.

Ҳангоми мулоқот корчаллононии литвагӣ зикр намуданд, ки дар Клайпед имконияти кушодани чунин муассиса ҳаст. Ва ин таклиф аз тарафи Ӯзбекистон бо манфиатдории калон пазируфта шуд.

Аз рӯи мувофиқатномаи умумӣ комиссияи байниҳукуматии ӯзбекистониву литвагӣ оид ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ба мақсади ба тартиб андохтан, мувофиқ сохтан ва рушди равобити иқтисодӣ, пешгирӣ кардани монеаҳо ва ҳаллу фасли муаммоҳо созмон дода мешавад. Маҷлиси аввалини он дар вақтҳои наздик дар Тошканд ба амал меояд.

Натиҷаи муҳими гуфтушунидҳои вилнюсӣ ба имзо расондани як қатор ҳуҷҷатҳои дуҷониба гардид. Президентҳо ба Шартнома дар бораи асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Ӯзбекистон ва Литва имзо гузоштанд. Ҳамчунин як қатор ҳуҷҷатҳо дар бораи ҳамкорӣ байни вазоратҳои умури хориҷа, идораҳои дифоъ, умурҳои гумрук, ҳамчунин донишгоҳҳои миллӣ ба имзо расиданд.

Акнун бевосита ба соҳаи иқтисодӣ истода мегузарем. Аз рӯзҳои аввали ба даст омадани истиқлолият Ӯзбекистон истиқлолияти давлатҳои соҳили Балтияро эътироф намуд. Онҳо ҳам дар ҷавоб ҳамин тавр рафтор карданд. Ҳоли ҳозир Литва ва ду ҳамсояи ӯ—Латвия ва Эстония дар арафаи ворид шудан ба Иттиҳоди Аврупо ва НАТО мебошанд. Агар ҷамоаи дунёи кӯҳна сармояҳо ва афзоиши нави рушди иқтисодиро пешкаш кунад, иттиҳоди трансатлантикӣ ба зиммаи худ таъмини амниятро гирифтааст.

Бояд хотиррасон кард, ки чуноне ки Президент В.Адамкӯс зикр намуд, аз рӯзҳои аввали истиқлолият Литва ба Ғарб қатъиян рӯ овард ва он ин маъниро надорад, ки равобит бо дигар давлатҳои ҷаҳон инкор карда мешавад. Бо дигар суханон гӯем, саъю кӯшиши Литва ва дигар давлатҳои соҳили Балтика танҳо бо Ғарб маҳдуд намегардад ва инро мамлакатҳои мазкур хуб дарк карданд. Бигӯем барои Литва ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон дар мубориза ба муқобили чунин иллатҳо, аз қабили террор, экстремизм, нашъаҷаллобӣ, қочоқи силоҳ, ҷинояткории муташаккил хеле зарур аст. Президент Валдас Адамкӯс ҳангоми мулоқоти аввалини худ бо Ислом Каримов зикр намуд, ки Ӯзбекистон дар раванде, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ рух медиҳад, аҳамияти муҳим дорад ва диққату эътибори тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он нигаронда шудааст. Вай ҳамчунин зикр намуд, ки саъю кӯшиши муштараки бинокорони ду мамлакат дар бобати иштирок дар корҳои азнавбарқароркунии Афғонистон ҳаматарафа муфид мебуд.

Доираҳои корчаллони Литва ҳамчунин иқдоми дилпуронаи Ӯзбекистонро дар доираи амалиётҳои зиддитеррористӣ зикр намуданд. Президенти Ассотсиатсияи корхонаҳои бофандагии Литва, ноиби президенти Конфедератсияи саноатчиён, сардиректори корхонаи бофандагии «Аудейас» Йонас Карчиаускас фикру мулоҳизаҳои худро дар бораи вусъат додани ҳамкорӣ баён карда, зикр намуд, ки Ислом Каримов чанд сол муқаддам аввалин шуда аз минбари СММ ҷомеаи ҷаҳониро ба муборизаи зидди террор даъват карда буд.

Ба Президенти мамлакатамон мукофоти олии давлати Литва—ордени Витаутаси бузург супурда шуд. Мукофоти мазкур ба арбобон барои хизматҳояшон дар роҳи шукуфонии халқи Литва ва ҳамчунин барои тамоми инсоният супурда мешавад. Мукофоти мазкур ба Ислом Каримов барои фидокориаш дар кори рушди муносибатҳо байни Ӯзбекистон ва Литва, қатъиятнокиаш дар мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ супурда шуд. Ва билохир, воқеаи мазкур боз як саъю кӯшиши Литва дар бобати инкишоф додани равобит бо Ӯзбекистон мебошад.

Президент Ислом Каримов ба Донишгоҳи Вилнюс рафт. Дар ин ҷо китобхонаи қадима фаъолият дорад. Айёми созмон додани он ба дуродур ба садаи ХУ1 мерасад, ки ҳамон вақт донишгоҳ таъсис ёфта буд. Китобхонаи мазкур хеле бой аст. Ҳангоми аз назар гузарондани қироатхонаҳои китобхона Ислом Каримов ва мо якҷоя дар он ҷо аз «Қонунҳои тиб»-и Абӯ Алӣ ибни Сино, тадқиқотҳои Мирзо Улуғбек, «Сабъаи сайёр»-и Алишери Навоӣ, «Бобурнома»-и Захириддин Бобур, романи Абдулло Қодирӣ «Каждум аз Меҳроб», достони «Алпомиш», бисёр дигар асарҳои нависандагони кунуниамонро дидан кардем. Дар донишгоҳи аз ҳама қадимаву аз қама калони Литва ба забони литвонӣ асарҳои Ойбек, Ғафур Ғулом, Ҳамид Олимҷон, Мақсуд Шайхзода, Миртемир, Асқар Мухтор, Ӯлмас Умарбеков ва дигар нависандагону шоиронро дастрас кардан мумкин.

...Президент Валдас Адамкӯс зикр намуд, ки сафари сарвари Ӯзбекистон имконият фароҳам оварда натиҷаҳои кореро, ки дар давраи сипаришуда ба иҷро расиданд, ҷамъбаст намоем. Ва боз амиқан пешомадҳои ҳамкории минбаъдаро дарку муайян кунем. Фикри мазкур борҳо ҳангоми мулоқоти рӯ ба рӯ, дар рафти гуфтушунидҳо бо таркиби васеъ , ҳамчунин дар нишасти матбуотӣ садо доданд ва он бесабаб нест. Охир халқе, ки ба қадри истиқлол ва соҳибихтиёрӣ мерасад, шабу рӯз бахри таҳкими он мекӯшад, метавонад бо дилпурӣ баояндаи бузурги худ назар афканад. Ба ҳамин маънӣ дар мо ҷиҳатҳои умумӣ ва монанд ҳастанд. Аз ин мебарояд, ки саъю кӯшиши мо муштараканд. Сафари расмии Ислом Каримов ба Ҷумҳурияти Литва ин ҳақиқатро бори дигар тасдиқ намуд.

**Анвар БОБОЕВ,**
**мухбири махсуси ӮзА.**
**Тошканд—Вилнюс—Тошканд.**

# Иншоотҳои истиқлол

### Сехи мармар

Дар маркази ноҳияи Фориш бинои кӯчаке қад афрохт, ки он ба коркарди мармар ихтисос дода шудааст. Дар ин ҷо мумкин аст, то 5 ҳазор метри мураббаъ санги мармар кор карда шавад.

### Истгоҳи нав

Мусофирон минбаъд аз истгоҳи нави маркази ноҳия ба манзили дилхоҳ роҳ хоҳанд гирифт. Ба ин истгоҳи нав имконият медиҳад. Атрофи онро дӯконҳои тиҷоратӣ, устохонаҳои хадамоти маишӣ фаро гирифтааст.

**А.НАЗАРОВ.**



# Дурдонаи дашт

Баъди ба даст омадани истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон шаҳру деҳоти хурду калон симои худро ба куллӣ тағйир доданд. Масканҳои сершумори истироҳатӣ, биноҳои осмонбӯси аз якдигар зебо, биноҳои нав ба нави таъиноти мухталиф сохта шуданд ва бо нотакрор будани ҳусни худ онҳо аз якдигар фарқ мекунанд.

Аз он ҷумла, дашти Қизилқум ҳам баъди соли 1991 умри дубора дид. Баробари азхудкунии заминҳои нав ба наву конҳои он дар ин дашти нопайдоканор шаҳре қад кашид, ки ба худ Зарафшон ном гирифтаасту онро ҳамагон «дурдонаи дашт» гӯён ба забон мегиранд. Алалхусус, шаҳр бо саноати серсоҳаи худ машҳур мегардад. 353 корхонаи истеҳсолӣ арзи ҳастӣ намуда, дар бобати вусъат додани хаҷми истеҳсоли маҳсулот нақши калоне мебозад.

Зиёд будани қувваи кории арзон, иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ашёи хом диққату эътибори сармоядорони хориҷаро ҳам ба худ ҷалб сохтааст. Махсусан бой будани захираҳои тилло боиси он мегардад, ки дар ин бобат бештар корхонаҳои муштарак созмон дода мешаванд. Дар ин бобат фаъолияти доманадори корхонаҳои муштараки «Зарафошон-Нюмонт», «Голфилдс», «Юсипком»-ро ба забон гирем кофист.

—Дар арафаи ёздаҳсолагии истиқлолияти Ватанамон дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони россиягӣ дар шаҳрамон корхонаи муштарак ба фаъолият шурӯъ намуд, ки аз тибити шутур ҳар гуна маҳсулот тайёр карда мешавад,—мегӯяд ҳокими шаҳри Зарафшон Аҳмадҷон Умаров.—Бо ҳамин 56 нафар сокинони шаҳр бо шуғли доимӣ фаро гирифта шуданд.

Аҳли меҳнати шаҳри Зарафшон дар бобати вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ба комёбиҳои калон муваффақ мегардад. Дар бадали ҳафт моҳи соли ҷорӣ ба хориҷа ба андозаи қариб сад ҳазор доллари ИМА маҳсулот ба содирот бароварда шудааст.

Шаҳри Зарафшон доман фарох мекунаду дорои соҳаҳои нав ба нав мегардад, камол мeёбад. Махсусан соҳаи иқтисодиёташ бо суръати баланд пеш меравад. Онро ҳангоми дидан кардани маҷмӯъҳои истеҳсолии он пай бурдем.

**Дар сурат**: ҳокими шаҳри Зарафшон **Аҳмадҷон Умаров** ва сармеъмори шаҳр **Эркин Корҷоубоев** дар хусуси муаммоҳои шаҳр ва минбаъд васеъ кардани ҳудуди он машварат доранд.

**Аксбардор: Тоҳир НОРҚУЛОВ (ӮзА).**

# Хабар

Мақомоти ҳифзи қонуну тартиботи Ӯзбекистон як қатор тадбирҳои таъсирбахшро оид ба решакан кардани далелҳои қонуншиканӣ, сӯиистеъмол аз вазифаи хидматӣ аз тарафи шахсони мансабдори ҷудогонаи беинсоф меандешанд, ки бо рафтори ғайриқонунии худ барои ба рӯи об баровардани тадбирҳои ҳукумат оид ба ислоҳсозии соҳаи иқтисодии ҷамъиятамон зарар мерасонанд.

Дар рафти тадбирҳои муштараки кормандони Умури амнияти миллӣ ва Прокуратураи Генералии Ӯзбекистон ҳангоми гирифтани ришват саррeвизор—назоратчии Раёсати назоративу тафтишотии Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар вилояти Тошканд Шодмонқул Раҳмонов дастгир гардид.

Ревизори беинсоф ҳаракат кард, ки натиҷаҳои тафтиши фаъолияти молиявиву хоҷагидории яке аз хоҷагиҳои ширкатии ноҳияи Қӯйичирчиқи вилояти Тошкандро ба мақсадҳои ғаразноки худ истифода барад. Ш.Раҳмонов аз хазинабони хоҷагии ширкатӣ 250 ҳазор сӯмро барои пинҳон кардани далелҳои аз тарафи вай ошкоргардидаи қонуншикании молиявӣ гирифт.

Прокуратураи Генералии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон нисбати Раҳмонов Ш. парвандаи ҷиноӣ кушод ва истинтоқ давом дорад.

**Бюрои равобити ҷамъиятии УАМ.**

# Анҷоми ҷашнвора

Дар Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон ҷашнвораи навбатии байналхалқии мусиқии симфонӣ ба анҷом расид. Ҷашнвораи мазкур, ки ба ҳисоб сеюмин мебошад, ба намоиши намунаҳои бебаҳои мусиқии симфонии ҷаҳонӣ, ҳамчунин асарҳои нави оҳангсозони ӯзбекистонӣ мубаддал ёфт.

Иштирокдорони ҷашнвора ҳамчунин барномаҳои худро дар муассисаҳои таълими олии ҷумҳурият, коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг намоиш дода, бо кафкӯбиҳои бардавом пешвоз гирифта шуданд ва он аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки ҷашнвора дар бобати бохабар сохтани аҳли ҷамъият бо дурдонаҳои мусиқии жанри мазкур нақши калоне бозид.

Мусиқӣ санъати ромкунандаи на танҳо дил, балки тафаккури инсон ҳам мебошад. Зеро онро ҳамагон, новобаста аз синну сол, миллат, эътиқод як хел дарк мекунанд. Ва инро ҷашнвора бори дигар тасдиқ намуд. Дар айни замон иштирокдорони онро аз ҳамин бохабар сохт, ки санъати мусиқии Ӯзбекистон дар солҳои истиқлолият хеле рушд ёфта, махсусан ба анъаноти қадимаи мусиқӣ диққату эътибор калон аст. Ва иштирокдорони ҷашнвора баробари шунидани мусиқии классикиву миллии замонавӣ бо як олам таассурот ба ватани хеш рафтанд.

# Воситаҳои ахбори оммавӣ ва талаби айём

Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар суханронии худ дар иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм зикр намуда буданд, ки «яке аз самтҳои муҳимтарини тараққиёти минбаъда ва таҷдиди босифати ҷамъияти мо ин татбиқ кардани он на дар сухан, на дар коғаз, балки дар ҳаёти воқеъӣ усулиятҳои демократӣ мебошад, ки кафолатҳои заруриро барои ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, озодии сухан ва воситаҳои ахбори оммавӣ, инчунин ошкорбаёнӣ ва шаффофии ислоҳот медиҳанд, ки дар ҷамъияти мо ба амал меоянд. Тезондани рушди соҳаи иттилоот, таъмини озодии воситаҳои ахбори оммавӣ (рӯзномаву маҷаллаҳо, телевизион, радио) бояд меҳвари ҳатмии ҷараёни ташаккули асосии ҷамъияти шаҳрвандӣ мебошад. Агар мухтасар гӯем, воситаҳои ахбори оммавӣ бояд воқеъан ба «ҳокимияти чаҳорум» тадбил ёбанд».

Ва гуфтан муҳим аст, ки самти мазкури устувор, ки дар садаи ХХ1 татбиқ кардани он дар ҳаёт пешбинӣ гардидааст, идомаи мантиқии собитқадамии ислоҳоте мебошад, ки аз рӯзҳои аввали истиқлолият дар мамлакатамон марҳала ба марҳала ба рӯи об бароварда мешавад. Он дар назди коркунони воситаҳои ахбори оммавӣ, ноширон, паёмнигорон чӣ гуна вазифаҳои умдаро пеш мегузорад? Вазъияти ВАО алҳол чӣ гунаанд, онҳо ба чӣ ниёзманд ҳастанд? Оё паёмнигорон вазифаҳои дар наздашон гузоштаро сари вақт ӯҳда мекунанд? Тағйироти иловаҳое, ки ба қонунҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи воситаҳои ахбори оммавӣ» ва «Дар бораи реклама» даровардa шуданд, ҳамчунин лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоот», ки вакилони халқ дар иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис дар қироати аввал қабул карданд, дар назди воситаҳои ахбори оммавӣ, ноширон ва матбаачиён чӣ гуна вазифаҳои умдаро пеш гузошт ва чӣ тавр бояд ҳаллу фасли худро ёбанд?

Дар ин бобат сухан дар семинари чоррӯзаи кормандони соҳаи низоми Оҷонсии Ӯзбекистон оид ба матбуот ва иттилоот, роҳбарони раёсатҳои вилоятии оҷонсӣ, кормандони Маркази мониторинги воситаҳои ахбори оммавӣ ва борухсатномафарогирӣ, сарварони нашриётҳо ва корхонаҳои табъу нашр, сармуҳаррирони рӯзномаву маҷаллаҳо, паёмнигорон рафт.

Иштирокдорони семинар зикр намуданд, ки кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ ва соҳаи иттилоот дар ин самт аллакай бисёр корҳоро анҷом доданд, аммо инро бо корҳое, ки дар пеш қарор доранд, набояд қиёс кард. Чунки онҳо бисёранду аз кормандони соҳа пеш аз ҳама ташаббускорӣ, тадбиргариро тақозо доранд. Имрӯзҳо ҳеҷ кас наметавонад инкор созад, ки расонаҳои ахбори оммавӣ торафт бештар ба ҳаёти воқеии мо ворид мегарданд, мо ҳамаи инро чун ҷараёни воқеӣ қабул мекунем. Вақтҳои охир на фақат миқдори нашрияҳо якбора зиёд шуд, балки боз сифатан нақш ва мақоми онҳо дар бобати инкишофи ҷамъият ва сохтори ҷамъиятӣ афзуд.

Баъзан дар одамон чунин фикр пайдо мешавад, ки матбути мо солҳои зиёд дар зери назорати низоми маъмуриву фармонфармоӣ ва шароити мафкуравӣ арзи ҳастӣ карда, зоҳиран хеле ба сахтӣ аз ин кайфият халос мегарданд. Ва дар шароити нав барои худ баъзан ҳатто интизор мешаванд, ки аз боло ба вай супориш диҳанд, ки чӣ мумкин асту чӣ мумкин нест.

Иштирокдорони семинар изҳор намуданд, ки матбуоти воқеан демократӣ наметавонад ва набояд ба ишора зиндагӣ кунад, бояд дар ченаки воқеӣ ҳаёт ба сар бурда, масъалаҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳаёти сиёсиро ба миён гузошта, он масъалаҳоеро, ки аҳолиро бефарқ намегузорад, ба муҳокимаи умумихалқӣ гузошта, ба онҳо баҳои танқидӣ ва баробари ин ба қарорҳо ва фаъолияти сохторҳои ҳукуматӣ ва идоравӣ баҳои холис диҳанд.

Дар бораи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 3 июли соли кунун «Дар бораи такмил додани идораи соҳаи матбуот ва иттилоот» ва қарори дар ин бобат қабулкардаи Девони Вазирон муфассал ҳарф зада шуд ва зикр ёфт, ки пурра қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба иттилоот, мадад расондан ба рушди доманадори воситаҳои ахбори оммавӣ, кориноширӣ, ва матбаа, ба вуҷуд овардани бозори замонавии умури иттилоотӣ дар шароити демократикунонӣ ва озодкунии ҳаёти ҷамъиятии мамлакат, табиист, ки собитқадамона такмил додани идораи соҳаи матбуот ва иттилоотро тақозо дорад. Дар доираи семинар дар Маркази миллии матбуот таҳти унвони «Воситаҳои ахбори оммавӣ ва сиёсат», дар Оҷонсии Ӯзбекистон оид ба матбуот ва иттилоот бошад, таҳти унвони «Матбуот ва мувозанати қонун» суҳбат дар гирди «мизи мудаввар» ба амал омаданд.

Дар мулоқоти якумӣ зикр гардид: дар асре, ки технологияи иттилоот ва ахборот аҳамияти умумибашарӣ пайдо мекунанд, дар марҳалаи нави ислоҳот бояд паёмнигорон саравал воқеаҳоро, ки дар ҷумҳурият ва саросари дунё рух медиҳанд, ба аҳли ҷамъият тезу холисона ва баробари таъмини мувозанати ҳаматарафа расонда диҳанд. Дар шароити нав, вақте ки афкори иҷтимоӣ такомул меёбад, ба Интернет ворид гардидан аҳамияти калон дорад. Дар ин бобат вазифаву мақоми воситаҳои ахбори оммавӣ чӣ гуна гардиданаш бештар ҳарф зада шуд.

Иштирокдорони тадбир маърӯзаҳоро таҳти унвонҳои «Мақоми воситаҳои ахбори оммавӣ дар ҷамъияти кунун», «Равшан кардани масъалаҳои дин дар ВАС», «Аҳамияти воситаҳои ахбори оммавӣ дар бобати дигаргун сохтани ҷаҳонбинии сиёсии шаҳрвандон», «Имкониятҳову муаммоҳои Интернет дар Ӯзбекистон» шуниданд ва фикру мулоҳизаҳои худро баён сохтанд.

Дар сӯҳбати мизи мудаввар таҳти унвони «Матбуот ва мувозанати қонун» бошад, асосан сухан дар бораи вазифаву муаммоҳо рафт, ки мутааллиқи воситаҳои ахбори оммавӣ буданд. Зикр ёфт, ки нақши воситаҳои ахбори оммавӣ ҳамчун муассисоти назорати ҷамъиятӣ аз болои иҷрои қонунҳо ва санадҳои қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, назорати чӣ гуна вазифаҳои худро иҷро намудани кормандони соҳаи ҳокимияту идораи давлатӣ хеле баланд аст. Маҳз воситаҳои ахбори оммавӣ бояд шакли фаъоли имконияти ифода намудани афкори ҳар як инсон бошанд. Маҳз воситаҳои ахбори оммавӣ бояд ҳимоятгари суннатҳои демократӣ ва ғояҳои ҷамъияти мо гарданд, дар бобати ташаккул ёфтани шуури сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва демократии одамон фаъолона кор баранд. Кормандони соҳа набояд фаромӯш кунанд, ки воситаҳои ахбори оммавӣ силоҳи фаъолу пурқувват мебошанду ба афкори омма таъсири пурзӯр расонда метавонанд. Бинобар ҳамин масъулияти паёмнигорон, одамоне, ки бо қалам ба дили мардум роҳ ёфта метавонанд, хеле бузург аст. Мо бояд ба он муваффақ гардем, ки кормандони соҳаи журналистика аз ҷиҳати сиёсӣ босавод, масъулиятшинос, бовиҷдон, боинтизом, соҳибони воқеии кору касбу худ ва ватандӯстони кишвару Ватан ва халқи худ бошанд.

Гуфтан зарур аст, ки талаб ба кадрҳои паёмнигорӣ дар ҷумҳурият ба кормандони баландмалакаи воқеии соҳаи худ, онҳое, ки амиқан масъалаҳои мураккабро таҳлил намуда, ҳаёти иҷтимоиву сиёсии мамлакат ва хориҷро баррасӣ мекунанд, хуб эҳсос мегардад. Ва аз ин рӯ, дар бобати тайёркунии кадрҳо ба ҷодаи мазкур серталабӣ зарур аст. Охир паёмнигорони оянда алҳол аз нарасидани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ азоб мекашанд. Мебояд ба ин кор паёмнигорони номдор ҷалб карда шаванд.

Воситаҳои ахбори оммавӣ бояд дар доираи қонун арзи ҳастӣ намоянд. Дар фаъолияти онҳо ба қонун маҳаки асосӣ гардад. Чунки «Адолат дар волоият доштани қонун» гуфтанӣ шиор беҳуда ба миён наомадааст.

Иштирокдорони мизи мудаввар таъкид карданд, ки кафолати озодии матбуот дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ афзудани рақобат дар соҳаи иттилоот мебошад. Имрӯзҳо воситаҳои ахбори оммавӣ имконияти воқеӣ ва васеъро соҳиб мебошад, ки мустақилона шарикони иқтисодиро интихоб намоянд. Агар онҳо озодии иқтисодии худро таъмин намоянд, худмаблағтаъминкунӣ ва дороии хешро дошта бошанд, омили муҳими новобастагӣ ва озодии онҳо мебошад. Дар ин бобат масъулияти муассисон низ аҳамияти калон дорад. Ва озодкунии матбуот гарави воқеии демократиконии ҷамъият мебошад.

**Т.ЭҲСОН.**

